**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Халифазода Саидаҳтам дар мавзуи «Такмили низоми маъмурикунонии андоз дар шароити муосир (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. - Молия, гардиши пул ва қарз пешниҳод шудааст.**

Халифазода Саидаҳтам соли 1999 Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистонро аз рӯи ихтисоси иқтисодчии байналмилалӣ ва соли 2012 Академияи умумироссиягии давлатии андози ВМ Федератсияи Россияро хатм намудааст. Солҳои 2002-2006 ассистенти кафедари "Андоз ва андозбандӣ"-и Донишкадаи андоз ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Солҳои тӯлони дар низоми андозии кишвар дар вазифаҳои гуногун кору фаъолият намудааст. Айни замон дар вазифаи сардори Сарраёсати назорати андозии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият менамояд.

Аз соли 2018 ҳамчун унвонҷӯ ба кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкори Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ҳозира Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон) аз рӯи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисод ва идораи хоҷагии халқ дохил шудааст. .

Халифазода С. ҳангоми иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотии худ, дараҷаи баланди мустақилият ва кордониро дар ҷамъоварии маълумотҳо, омӯзиш ва интихоби асарҳои тадқиқотчиёне, ки ҷанбаъҳои назариявӣ-услубии кори мазкурро таҳқиқ намудаанд, нишон додааст. Инчунин Халифазода С. ҳамасола дар конфронсҳои илмию назариявии сатҳи донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ фаъолона иштирок намуда, бо маърӯзаю фишурдаҳои худ баромад намудааст.

Сатҳи дониш ва усулбҳои омӯзиши унвонҷӯ Халифазода С. ба стандартҳои таҳсилоти олӣ мувофиқат намуда, ҳангоми кор бо диссертатсия унвонҷӯ худро ҳамчун таҳқиқотчии илмӣ, сари вақт иҷрокунандаи супоришҳои вобаста ба иҷрои рисолаи илмӣ ва масъулиятшинос нишон дода тавонист. Хислати серталабӣ ташкилотчигӣ ба ӯ имконият дод, то натиҷаҳои бадастомадаро ҳаматарафа таҳлилу таҳқиқ намуда, усулбҳои зарурии таҳқиқотиро мустақилона муайян ва асоснок намояд.

Умуман, Халифазода С. дар давоми таҳсил худро чун муҳаққиқи фаъолу дорои малакаи таҳқиқотчии мустақили илмӣ нишон дода, мақсаду вазифаҳои таҳқиқотро дуруст баҳогузорӣ ва натиҷагирӣ намудааст. Дар ҷараёни корӣ ӯ доираи васеи адабиётҳои ватанию хориҷиро вобаста ба мавзуи таҳқиқот омӯхта, таҷрибаи кории бахши таҳқиқшавандаро дуруст омӯхтааст.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқоти рисолаи илмии** Халифазода С. аз он бармеояд, ки такмили низоми маъмурикунонии андоз дар шароити муосир, ки ба татбиқи барномаҳои дарозмуҳлати низоми андозбандӣ ва маъмурикунонии он кишвар хизмат намуда, яке аз унсурҳои муҳими самараноки таъмини саривақтии маблағҳои пулӣ ба буҷети давлатии сатҳои гуногун ба ҳисоб рафта, истифодаи оқилонаи иқтидори андозии кишвар ва ҷалби бештари сармояҳоро ба рушди соҳаҳои иқтисоди миллӣ таъмин менамояд. Вобаста ба ин, ташаккули низоми маъмурикунонии андоз, бахусус, назорату санҷишҳои андозӣ дар шароити муосир ба таъмини иҷроиши қисмати даромади буҷети давлатӣ яке аз вазифаҳои асосии илмӣ иқтисодиёт ба ҳисоб меравад.

**Дар муқаддима**, мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи азхудшудаи масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқот, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

**Дар боби якум** - «Ҷанбаҳои назариявӣ-методологии ташаккул ва такмили низоми маъмурикунонии андоз» асосҳои назариявӣ-методологии маъмурикунонии андоз дар шароити муосир, принсип ва функсияҳои асосии ташаккул ва рушди низоми маъмурикунонии андоз ва таҷрибаи хориҷӣ оид ба такмили низоми маъмурикунонии андоз баён гардидаанд.

**Дар боби дуюм** - «Арзёбии вазъи низоми андоз ва маъмурикунонии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳлили вазъи низоми андозӣ ва андозбандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, баҳои самаранокии низоми маъмурикунонии андоз дар шароити муосир ва нишондиҳандаҳои асосиии такмили маъмурикунонии андоз баҳодиҳӣ ва натиҷагирӣ карда шуданд.

**Дар боби сеюм** - «Самтҳои асосии такмили низоми маъмурикунонии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» танзими давлатии механизми маъмурикунонии андоз дар шароити муосири иқтисодӣ, такмили низоми маъмурикунонии андоз ҳамчун самти муҳими рушди низоми андозӣ ва модели баҳодиҳии самаранокии низоми маъмурикунонии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва пешниҳод гардиданд.

**Дар хулоса ва пешниҳодҳо** натиҷаҳои асосии таҳқиқоти кори илмӣ ҷамъбаст гардидаанд.

Ақидаҳои дар боло зикргардида навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсиониро тасдиқ намуда, саҳми шахсии муаллифро дар таҳияи рисолаи мазкур нишон медиҳад. Нуқтаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамадии назариявӣ-методологӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Нуқтаҳои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф

дар конфронсҳои сатҳҳои гуногун инъикоси худро ёфтаанд.

Дар вобастагӣ ба омилҳо ва механизмҳои таъсиррасон ба такмили низоми маъмурикунонии андоз бо мақсади фаъолияти самараноки кормандони мақомоти андози кишвар он аз ҷониби муаллиф дар ҳар як зербоби кори илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳои мушаххас гирд оварда шудааст.

Вазифаҳои дигари таҳқиқоти диссертатсионии муаллифро таҳқиқи назарияҳо, услубҳо, омилҳо ва таҷрибаи як қатор кишварҳои хориҷӣ оид ба такмили низоми маъмурикунонии андоз дар қаламрави кишвар мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шудааст.

Муаллиф дар назди худ вазифаҳои дигарро бо мушаххасгардонии хусусиятҳои хоси низоми андозбандӣ ва маъмурикунонии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, самтҳои асосии дастгирии давлатӣ дар баланд бардоштани самаранокии фаъолияти кормандони мақомоти андоз мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Дар хулоса муаллиф натиҷаҳои асосии таҳқиқотро оид ба такмили низоми маъмурикунонии андоз ҷамъбаст намуда, хулосабарорӣ карда шудааст.

Диссертатсияи Халифазода Саидаҳтам дар мавзуи «Такмили низоми маъмурикунонии андоз дар шароити муосир (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», дар сатҳи баланди илмӣ-назариявӣ ва амалиро касб намуда, хулосаҳо ва пешниҳодҳои муаллиф оид ба ҳолати муосир ва такмили низоми маъмурикунонии андоз дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон илман асоснок гардидаанд.

Хулоса, диссертатсияи Халифазода Саидаҳтам дар мавзуи « Такмили низоми маъмурикунонии андоз дар шароити муосир (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07.-Молия, гардиши пул ва қарз, кори илмии мукаммали анҷомёфта ба ҳисоб рафта, он ба талаботи Низомномаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ:
номзади илмҳои иқтисодӣ,
дотсенти кафедраи молияи ДДМИТ — Шералиев Э.Н.

Имзои Шералиев Э.Н-ро тасдиқ менамоям.

Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДМИТ — Шарипов У.А.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ